# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ҚАРОР

аз 26 декабри соли 2024 № 662

**ш. Душанбе**

Дар бораи Муассисаи давлатии «Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаҳои 52 ва 128 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Муассисаи давлатии «Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъсис дода шавад.

2. Оинномa ва Сохтори Муассисаи давлатии «Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

3. Шумораи ниҳоии кормандони Муассисаи давлатии «Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» бо теъдоди 79 воҳиди корӣ бо дар назар доштани ҳайати хизматрасонии техникӣ муқаррар карда шавад.

4. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» масъалаҳои молиявии Муассисаи давлатии «Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»-ро ҳал намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон

# Правительство Республики Таджикистан
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 26 декабря 2024 года № 662

**г. Душанбе**

О Государственном учреждении «Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики» Государственного чреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана»

В соответствии со статьями 52 и 128 Гражданского кодекса Республики Таджикистан Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Создать Государственное учреждение «Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики» Государственного учреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана».

2. Утвердить Устав и Структуру Государственного учреждения «Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики» Государственного учреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана» (приложения 1 и 2).

3. Установить предельную численность работников Государственного учреждения «Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики» Государственного учреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана» в количестве 79 штатных единиц с учетом технического персонала.

4. Министерству финансов Республики Таджикистан совместно с Государственным учреждением «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана» решить финансовые вопросы Государственного учреждения «Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики» Государственного учреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана».

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

Эмомали Рахмон

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «26» декабри соли 2024, №662

Оинномаи
Муассисаи давлатии «Институти илмию тадқиқотии
рушди устувор ва иқтисоди сабз»-и Муассисаи давлатии
«Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Оинномаи Муассисаи давлатии «Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (минбаъд - Оиннома) дар асоси Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии дигар таҳия гардидааст.

2. Муассиси Муассисаи давлатии «Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (минбаъд- Институт) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Муассис) буда, Институт дар тобеияти идоракунии Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (минбаъд- Донишгоҳ) қарор дорад.

3. Институт ба Донишгоҳ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Институт фаъолияти худро мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, инчунин амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Муассис, Оинномаи Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», Оинномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ менамояд.

5. Институт муассисаи илмию тадқиқотӣ буда, корҳои илмию таҳқиқотиро дар дохил ва хориҷи кишвар амалӣ менамояд.

6. Институт шахси ҳуқуқӣ буда, дорои тавозуни мустақилӣ ва суратҳисоб бо пули миллӣ дар Сарраёсати хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратӣ мебошад ва барои анҷом додани амалиёти ҳисоббаробаркунӣ ва қарзӣ аз ин суратҳисоб дар мувофиқа бо Донишгоҳ истифода менамояд.

7. Институт дар асоси ҳуқуқи идоракунии оперативӣ дорои молу мулк мебошад, аз номи худ ӯҳдадориҳоро қабул ва иҷро мекунад ва дар суд ба сифати даъвогар ва ҷавобгар баромад мекунад.

8. Институт дорои муҳри мудаввар бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сабти номи пурраи худ бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ, бланки фирмавӣ ва дигар аломатҳои муайянкунанда мебошад.

9. Маблағгузории фаъолияти Институт аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои махсуси Институт ва сарчашмаҳои маблағгузории дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

10. Институт ҳуқуқ дорад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониҳои пулакиро анҷом диҳад.

11. Номи расмии Институт:

- бо забони тоҷикӣ – Муассисаи давлатии «Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»;
- бо забони русӣ – Государственное учреждение «Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики» Государственного учреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана»;
- бо забони англисӣ –. State Institution of Scientific and Research Institutte of Green Economy of the State Institution «International University of tourism and Entrepreneurship of Tajikistan».

12. Суроғаи ҳуқуқии Институт: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5.

## 2. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ИНСТИТУТ

13. Институт ҳамчун муассисаи илмию татқиқотӣ вобаста ба заминаи моддию техникии худ мутахассисонро дар зинаи баъдидипломӣ, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ва аспирантура, доктор ҳабилитат ва докторантураи анъанавӣ омода менамояд.

14. Самтҳои асосии фаъолияти асосии Институт аз инҳо иборат аст:

- таҳияи асосҳои илмии амалигардонии сиёсати рушди устувор ва «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ таҳия намудани пешниҳодҳо вобаста ба рушди иқтисоди сабз, муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ;
- ҳамоҳангсозии самтҳои тадқиқоти илмӣ оид ба масалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бо муассисаҳои ҳаммонанд;
- гузаронидани тадқиқоти илмӣ дар самти таҳлили рушди устувор ва «иқтисоди сабз» бо мақсади таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати рушди онҳо;
- ташкил ва гузаронидани конфронсҳо, семинарҳо, симпозиумҳо, мизҳои мудаввар ва форумҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар масоили мубрами рушди устувор ва «иқтисоди сабз»;
- дар асоси густариши робитаҳои илмӣ бо муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ таҳия ва амалигардонии

лоиҳаҳои муштарак дар самти фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ;

- тибқи дархости вазорату идораҳо, муассисаву корхонаҳо ва ташкилотҳо ба роҳ мондани тадқиқоти илмӣ-амалӣ;

- ба роҳ мондани тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар Донишгоҳ дар мавзуъҳои вобаста ба идоракунии рушди устувор ва «иқтисоди сабз»;

- ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотии Институт бо кафедраҳои марбутаи Донишгоҳ;

- таҳияи махзани маълумоти натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии Институт ва Донишгоҳ;

- пешниҳоди лоиҳаҳои илмию таҳқиқотӣ, барои маблағгузорӣ ба Шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва ё созмонҳои байналмилалӣ;

- ташкил ва ҳамоҳангсозии фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ;

- амалӣ намудани барномаҳои таълимӣ дар самти омода намудани магистр, доктори PhD ва доктор аз рӯйи ихтисос;

- тайёр намудани аспирантон, докторантони соҳаи рушди устувор ва «иқтисоди сабз» ва кормандони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ;

- амалӣ намудани фаъолияти таблиғотӣ ва нашриётӣ;

- амалӣ намудани фаъолияти дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

## 3. ҲУҚУҚ, УҲДАДОРИҲО ВА ВАЗИФАҲОИ ИНСТИТУТ

15. Институт барои амалӣ намудани мақсадҳои худ ҳуқуқ дорад:

- дар фаъолияти худ тибқи тартиби муқаррарнамуи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақил бошад;

- натиҷаҳои фаъолияти илмиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тиҷоратӣ намояд;

- омӯзгорону кормандон ва кормандони дигари илмиро, ки дар давоми сол ба дастовардҳои назарраси илмӣ ноил гардиданд, дар ҳолати сарфаи музди меҳнат аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва махсус бо мукофотпулиҳо тибқи Тартиби пардохти музди меҳнат ва ҳиссаи тафриқавӣ барои кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мақоми байналмилалӣ ва воҳидҳои сохтории он (минбаъд - Тартиб) қадрдонӣ намояд;

- ба ҳайати профессорӣ-омӯзгорӣ барои таҳияи монографияҳо, васоити илмӣ ва дигар маводи таълимӣ-методӣ тибқи Тартиб ҳаққи қалам муқаррар намояд;

- дар асоси қарори Шурои илмӣ ва талаботи Низомномаи ҳавасмандгардонии моддӣ ва муқаррар намудани имтиёзҳои дохилӣ барои ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ ҳавасмандкуниҳои молиявиро тибқи Тартиб татбиқ намояд;

- ҷадвали басти вазифаҳои кормандони Институтро дар доираи фонди музди меҳнат муқаррар ва барои тасдиқ ба Шурои олимони Донишгоҳ пешниҳод намояд;

- бо муассисаҳои илмӣ ҳамкориро ба роҳ монад;

- тибқи талаботи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ молу мулкеро, ки аз ҷониби Муассис вобаста карда шудааст, мувофиқи таъинот ва мақсадҳои пешбинигардида истифода намояд ва дар ҳолати фарсудашавӣ аз эътибор сокит кунад;

- молу мулкеро, ки дар натиҷаи фаъолияти илмӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба даст меорад, мустақилона идора кунад;

- воҳидҳои иҷтимоӣ, табобатию варзишӣ, осоишгоҳҳо, муассисаҳои фароғатию фарҳангӣ ва хоҷагии ёрирасон дошта бошад;

- тартиби истифодаи маблағҳои аз сарчашмаҳои дигари буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ба суратҳисоби Институт воридшударо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кунад;

- суратҳисоби худро дар бонкҳо дошта бошад;

- ҳангоми баргузории тендерҳо аз суратҳисоби иловагии дар бонкҳо ҷойдоштаи хеш дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда хариди мол ва хизматрасониҳоро пардохт намояд;

- бо ҳадафи ҷалби мутахассисони хориҷӣ ба корҳои илмӣ музди меҳнати мутахассисони хориҷиро дар асоси шартномаи дуҷониба аз ҳисоби фонди музди меҳнат дар доираи харҷномаи ягонаи даромадҳо ва хароҷот пардохт намояд;

- барои таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои инноватсионӣ, сармоягузорӣ ва грантҳо аз маблағҳои махсуси дар ихтиёрдоштаи худ истифода намояд;

- бо ташкилотҳои молиявии маблағгузор мустақилона ҳамкориҳои дуҷонибаро дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда тибқи тартиби муқарраршуда ба роҳ монад.

16. Институт уҳдадор аст:

- фаъолияти худро мутобиқи Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин санадҳои дохилиидоравӣ ба роҳ монад;

- оид ба натиҷаи фаъолияти Институт дар давраи ҳисоботӣ ба Донишгоҳ ҳисобот диҳад;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кормандони худ риояи кафолатҳои ҳуқуқии шаҳрвандонро, ки давлат муқаррар намудааст, таъмин намояд ва бо тартиби муқарраргардида барои зарари ба саломатӣ ва қобилияти меҳнатии онҳо расонидашуда масъулият дошта бошад;

- амалӣ намудани дигар уҳдадориҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур муқаррар намудаанд.

17. Вазифаҳои асосии Институт:

- тартиб додани дастурамалҳои корӣ ва соҳавӣ дар самти рушди устувор ва «иқтисоди сабз»;

- иштирок дар тартибдиҳӣ ва таҳиясозии стандартҳои миллии «иқтисоди сабз»-и ҷавобгӯй ба стандартҳои байналмилалӣ;

- пешбурди фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар самти «иқтисоди сабз» бо мақсади дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои он;
- ташкил ва гузаронидани конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, симпозиумҳо, семинарҳо, машваратҳо, мубоҳисаҳо оид ба масъалаҳои мубрами илмӣ;
- нашри маводҳо ва маҷаллаҳои соҳавии илмию тадқиқотӣ;
- дарёфт ва ҷалби сарчашмаҳои молиявии маблағгузории корҳои илмию тадқиқотӣ;
- густариш додани робитаҳо бо муассисаҳои илмӣ ва олимони дигар кишварҳо;
- пешниҳоди машваратҳои илмию методӣ ба ташкилоту муассисаҳо дар соҳаи «иқтисоди сабз» ва ғайраҳо.

## 4. ИДОРАКУНИИ ИНСТИТУТ

18. Идоркунии Институт бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур, қоидаҳои тартиботи дохилии Институт ва шартномаи коллективӣ анҷом дода мешавад.
19. Институт бо татбиқи усулҳои мувофиқати яккасардорӣ ва дастаҷамъӣ низоми мақоми идоракунанда таъсис медиҳад.
20. Низоми мақомоти марказии идоракунандаи Институт чунин мебошад:
- Шурои илмӣ;
- директори Институт.
21. Директори Институт аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.
22. Директори Институт барои идоракунии дастаҷамъонаи Институт Шурои илмиро таъсис медиҳад.
23. Ваколатҳои Директори Институт:
- ба Донишгоҳ дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оиннома, низомномаҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Институт, ки ба салоҳияти он марбут аст таклифу пешниҳодҳо манзур менамояд;
- аз номи Институт амал карда, манфиатҳои онро дар мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, бонкҳо ва дар назди ашхоси алоҳида ҳимоя мекунад;
- молу мулк ва маблағҳои пулии Институтро идора намуда, барои истифодаи самараноки онҳо ҷавобгар мебошад;
- ба ректори Донишгоҳ таклифҳоро оид ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намудани муовинони директор, сармуҳосиб, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва котиби илмӣ пешниҳод менамояд;
- ходимону кормандонро ба Институт тибқи озмун таъин ва озод менамояд;
- дар доираи ваколати хеш фармоиш мебарорад, ки иҷрои он ба ходимону кормандони Институт ҳатмӣ мебошад;
- Шӯрои илмии Институтро ташкил ва роҳбарӣ мекунад;
- оид ба ташкили Шӯроҳои диссертатсионӣ ба Шӯрои олимони донишгоҳ пешниҳодот манзур менамояд;
- ҳисоботи солонаи Институтро ҳамасола ба Донишгоҳ пешниҳод менамояд.
24. Ваколатҳои Шурои илмӣ:
- самтҳои асосии фаъолияти илмии Институтро муайян намуда, нақшаи иҷрои кории Институт, нақшаи корҳои илмию таҳқиқотӣ ва озмоишиву конструкторӣ, тайёр кардани кадрҳои илмӣ, дар амал ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, машварат ва конфронсҳоро баррасӣ ва тасдиқ мекунад;
- ҳисоботро дар бораи муҳимтарин натиҷаҳои корҳои илмӣ ва илмиву ташкилии фаъолияти Институт тасдиқ намуда, ба Донишгоҳ пешниҳод мекунад;
- масъалаҳои марбут ба тағйири сохтори Институтро муҳокима менамояд;
- муҳимтарин маводди илмӣ, маърузаҳои илмиро муҳокима карда, натиҷаи корҳои нисбатан муҳимми илмии Институтро мавриди арзёбӣ қарор медиҳад;
- нақшаҳои таҳрир ва интишори асарҳои илмии дар Институт тайёршударо баррасӣ намуда, онҳоро ба чоп тавсия мекунад;
- масъалаҳои ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории эҷодиро бо муассисаҳои дигари илмӣ муҳокима менамояд;
- ҳисоботи мудирони воҳидҳои илмию таҳқиқотӣ, роҳбарони гурӯҳҳои таҳқиқотӣ ва кормандони илмии алоҳидаро шунида, мавриди арзёбӣ қарор медиҳад;
- масъалаҳои самаранокии ҳамкориҳои илмии байналмилалии Институт, рафти иҷрои таҳқиқотӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмии хориҷӣ гузарондашавандаро мавриди муҳокима қарор медиҳад, инчунин, ҳисоботи кормандони Институтро дар хусуси сафарҳои хизматӣ ва илмӣ мешунавад;
- асарҳои барҷастаи илмӣ, кашфиётҳои илмӣ ва ихтироъҳоро барои гирифтани ҷоизаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод мекунад;
- олимони Институтро барои дарёфти унвонҳои фахрӣ пешбарӣ мекунад;
- номзадҳоро ба узви вобаста ва узви пайвастаи Акдемияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои илмии соҳавӣ пешбарӣ менамояд;
- қарорҳои Шурои илмӣ бо овоздиҳии ошкоро қабул карда мешаванд, агар Шурои илмӣ дар бораи баргузории овоздиҳии пинҳонӣ тасмим нагирифта бошад;
- дар масъалаҳои озмун барои ишғол кардани вазифаҳои холӣ қарорҳо тибқи Оинномаи мазкур қабул карда мешаванд;

## 1. ҚАБУЛИ МАГИСТРАНТОН, АСПИРАНТОН, УНВОНҶӮЁН ВА ДОКТОРАНТОН ДАР ИНСТИТУТ

25. Қабули магистрантон, аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон дар Институт мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## 2. МОЛУ МУЛК ВА ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРИИ ИНСТИТУТ

26. Институт ба молу мулки дар истифодааш буда (биною иншоот, маҷмааҳои таълимӣ, таҷҳизот ва ашёи дигари зарурии таълимӣ, техникӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва ғайра) тибқи қонунгузорӣ, ҳадафҳои фаъолияти хеш, супоришҳои Муассис ва таъиноти молу мулк ҳуқуқи идоракунии оперативӣ дорад.

27. Сарчашмаҳои ташаккули молу мулки Институт ва маблағгузории фаъолият аз инҳо иборат аст:

- молу мулки Донишгоҳ, ки бо мақсади идораи оперативӣ ба Институт дода шудааст;
- маблағи буҷети ҷумҳуриявӣ, ки барои амалисозии мавзуъҳои фармоишии илмию тадқиқотӣ пешбинӣ шудаанд;
- ҳиссагузории корхонаҳои истеҳсолӣ, ташкилотҳои илмию таҷрибавӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ, ки дар тобеияти Институт мебошанд;
- даромадҳо аз амалӣ намудани шаклҳои гуногуни фаъолияти Институт, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ба даст меоянд;
- аъзоҳақиҳо ва грантҳои мақсаднок, хайрияҳои ихтиёрии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ташкилотҳои хориҷӣ;
- даромад аз истифодаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва ғайраҳо.

28. Амалиёти молиявӣ аз ҷониби мақоми хазинадорӣ тавассути суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ ва суратҳисоби асъории хазинадорӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

29. Аз даромади софе, ки пас аз пардохтҳои ҳатмии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ихтиёри Институт боқӣ мемонад, маблағҳои махсуси Институт ташкил мeёбад. Дар ҷамъбасти соли молиявӣ бо қарори Шӯрои олимон тартиби истифодабарии маблағҳои махсуси Институт дар соли ояндаи молиявӣ муайян карда мешавад.

30. Институт ба таври мустақим ба мақомоти молия, андоз, омор ва дигар мақомоти давлатӣ тибқи қоидаҳои амалкунанда ҳисобот медиҳад.

31. Институт масъалаҳои бастани шартномаро барои иҷро намудани корҳои илмӣ-тадқиқотии фармоишӣ ва амалӣ намудани фаъолияти таълимии пулакӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур ҳал менамояд.

## 7. ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИНСТИТУТ

32. Институт ҳуқуқи иштирок дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илмию тадқиқотиро доро мебошад, аз он ҷумла:

- дар барномаҳои дутарафа ва бисёртарафаи мубодилаи аспирантон, докторантон, ходимони илмӣ, кормандони омӯзгорӣ ва илмӣ иштирок менамояд;
- дар гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ-методӣ, инчунин дар конгрессҳо, конференсияҳо, симпозиумҳо ва чорабиниҳои дигар ширкат меварзад;
- дар барномаҳои байналмилалии такмили корҳои илмию тадқиқотӣ иштирок мекунад.

33. Фаъолияти илмию тадқиқотии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти илмӣ-тадқиқотии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз марзи кишвар дар асоси шартномаҳое, ки Институт бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ бастааст, ба роҳ монда мешавад.

34. Дар мувофиқа бо Донишгоҳ Институт тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешбурди фаъолияти байналмилалӣ, ки ба иҷрои вазифаҳои Институт, инчунин рушди робитаҳои байналмилалии он равона шудаанд, ҳуқуқ дорад.

## 8. ТАРТИБИ БАРҲАМДИҲӢ ВА АЗНАВТАШКИЛДИҲИИ ИНСТИТУТ

35. Барҳамдиҳӣ ва азнавташкилдиҳии Институт бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда сурат мегирад.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «26» декабри соли 2024, №662

Сохтори
Муассисаи давлатии «Институти илмию тадқиқотии
рушди устувор ва иқтисоди сабз»-и Муассисаи давлатии
«Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»

1. Роҳбарият
2. Шурои илмӣ
3. Котиби илмӣ
4. Шуъбаи таҳқиқоти энергияи сабз
5. Шуъбаи таҳқиқоти саноати сабз ва иқтисоди даврагӣ
6. Шуъбаи кишоварзии устувор ва амнияти озуқаворӣ
7. Шуъбаи рушди устувори соҳаҳои хизматрасонӣ
8. Шуъбаи таҳқиқоти муҳити зист ва идоракунии захираҳои табиӣ
9. Шуъбаи рушди шуғли сабз ва маърифати экологӣ
10. Шуъбаи таҳқиқоти масъалаҳои ҳуқуқии рушди устувор
11. Шуъбаи ва муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи сабз
12. Шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ
13. Шуъбаи молия ва хоҷагидорӣ
14. Шуъбаи техникӣ

Приложение 2
к постановлению Правительства
Республики Таджикистан
от «26» декабря 2024 года, №662

УСТАВ
Государственного учреждения «Научно-исследовательский
институт устойчивого развития и зеленой экономики»
Государственного учреждения «Международный университет
туризма и предпринимательства Таджикистана»

## 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. Устав Государственного учреждения «Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики» Государственного учреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана» (далее-Устав) разработан на основании Гражданского кодекса Республики Таджикистан, Закона Республики Таджикистан «О научной деятельности и государственной научно-технической политике» и других отраслевых нормативных правовых актов.

2. Учредителем Государственного учреждения «Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики» Государственного учреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана» (далее-Институт) является Правительство Республики Таджикистан (далее-Учредитель) и Институт находится в ведомственном управлении Государственного учреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана» (далее-Университет).

3. Институт подчиняется и подотчетен Университету.

4. Институт осуществляет свою деятельность в соответствии с Конституцией Республики Таджикистан, законами Республики Таджикистан «Об образовании», «О научной деятельности и государственной научно-технической политике», международными нормативными правовыми актами, признанными Таджикистаном, а также указами и распоряжениями Президента Республики Таджикистан, постановлениями и распоряжениями Учредителя, Уставом Государственного учреждения «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана», настоящим Уставом и другими нормативными правовыми актами.

5. Институт является научно-исследовательским учреждением и реализует научно-иcслeдовательские работы в стране и за рубежом.

6. Институт является юридическим лицом и имеет самостоятельный бухгалтерский баланс и расчётный счет в национальной валюте в Главном управлении казначейства при Министерстве финансов Республики Таджикистан и коммерческих банках и согласно с